**Ба шурои диссертатсионии 6D. КОА – 014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ш.Душанбе, 734067, кӯчаи Нахимов, 64/14)**

# ТАҚРИЗ

аз ҷониби номзади илмҳои иқтисодӣ Сатторов Абдурасул Абдуғаффорович ба автореферати диссертатсияи Олимов Умедҷон Маҳмадшоевич дар мавзуи «Ҳолати муосир ва дурнамои рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пул ва қарз пешниҳод шуда.

Низоми бонкӣ ҳамчун як низоми таҳаммулпазири фишорҳои иқтисодӣ ва муҳаррики пешбарандаи рушди иқтисодиёти ҳар як давлат маҳсуб ёфта, ҳамзамон ба фаъолияти ҳамарӯзаи корхонаву муассисаҳои истеҳсолию ғайриистеҳсолӣ ва ба шаҳрвандони алоҳида хизматрасонӣ менамояд. Вобаста ба ин механизми асосии назариявии фаъолияти бонкҳоро дар сатҳи ҷомеа ташкили дурусти муомилоти пулӣ байни субъектҳои гуногун ва алоҳидаи иқтисодиёт дар заминаи талабот ва имкониятҳои мавҷуда ташкил намуда, тавассути бонкҳо пайдарпайии ҷараёни муносибатҳои пулӣ таъмин карда мешавад.

Мавзуи интихобкардаи унвонҷӯ аз нуқтаи назари замонавӣ буданаш актуалӣ ва фарогири масъалаҳои муҳими устувории бонкӣ мебошад. Пешрафти ҷомеаи иқтисодӣ дар маҷмуъ аз ҳолати хуби устуворӣ ва иқтидори молиявию захиравии низоми бонкӣ вобастагии калон дорад.

Дар раванди таҳқиқоти мазкур аз ҷониби муаллиф масъалаҳои асосии такмили низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, як қатор нишондиҳандаҳо ва масъалаҳои марбути соҳа таҳлил ва баррасӣ гардида дар заминаи он роҳҳои имконпазир оид ба такмил намудани низоми бонкӣ муайян шудаанд. Инчунин, дар кори илмии мазкур амалиёт ва хизматрасониҳои муҳиме, ки дар анҷоми онҳо то як андоза осебпазирии бонк дар давраҳои оянда эҳсос мегардад мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Новобаста аз ин дар таҳқиқоти мазкур хуб мешуд агар унвонҷӯ ба масъалаҳои зерин аҳамият медод:

1. Беҳтар мешуд агар муаллиф нақши ташкилотҳои қарзии низомсозро дар ташаккули низоми бонкӣ ва суботу устувории он дида мебаромад.

2. Мутаасифона дар бораи истифодабарии метод ва усулҳои Базел дар автореферат оварда нашудааст.

Гуфтан лозим аст, ки эродҳои оварда шуда кори илмиии муаллифро паст намезанад, чун ки онҳо характери тавсиявӣ доранд.

Бар зами ҳамаи гуфтаҳо автореферати Олимов Умедҷон Маҳмадшоевич дар мавзуи «Ҳолати муосир ва дурнамои рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба талаботҳои “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст ва муаллифи он Олимов Умедҷон Маҳмадшоевич арзандаи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,**
**декани факултети иқтисодиёт ва молияи**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикичтон** **Сатторов А.А.**

Дурустии имзои **Сатторов А.А.-ро** тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо
коргузорӣ ва назорат Раҳматулло Нусратулло

*Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*ш.Душанбе, куч. Н. Қарабоев 63/3*
*Тел: +992 918-13-31-31*
*E-mail: s_rasul3131@mail.ru*